Ҳар касе савганд ёд кард ва дар савгандаш гуфт: қасам ба Лот ва Уззо, бояд "Ло илоҳа иллаллоҳ" бигӯяд. Ва ҳар кас ба дӯсташ бигӯяд: биё қиморбозӣ кунем, бояд садақа диҳад

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳар касе савганд ёд кард ва дар савгандаш гуфт: қасам ба Лот ва Уззо, бояд "Ло илоҳа иллаллоҳ" бигӯяд. Ва ҳар кас ба дӯсташ бигӯяд: биё қиморбозӣ кунем, бояд садақа диҳад."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз савганд ёд кардан ба ғайри Аллоҳ Таъоло ҳушдор медиҳад. Зеро муъмин танҳо ба Аллоҳ савганд ёд мекунад. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар медиҳад, ки ҳар касе ба ғайри Аллоҳ савганд ёд кард, мисли ин ки бигӯяд: савганд ба Лот ва Уззо — ин ду бутe буданд, ки дар ҷоҳилият пеш аз Ислом ибодат мешуданд — бояд баъд аз савгандаш "Ло илоҳа иллалоҳ" бигӯяд, то ин ки ширкро аз худ дур кунад ва каффораи савгандаш бошад. Сипас Паёмбар (саллалоҳу алайҳи ва саллам) гуфт, ки ҳар касе ба дӯсти худ мегӯяд: "Биё қиморбозӣ кунем", — ин маънои рақобат кардан байни ду ё зиёда аз ду нафар, бо пул ё чизе барои шахси ғолиб гузошта мешавад, аст ва ҳар касе ғолиб омад он пулро ё чизро мегирад ва ҳар яке аз онҳо ё ғолиб мешавад ё бохт мекунад — дар ин ҳолат мустаҳаб аст, ки барои каффораи гуноҳаш, ки ӯро ба бозӣ даъват кардааст, садақае бидиҳад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/6379